**Қарори №22**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:
Аз 27 нафар аъзо Шӯрои
диссертатсионӣ 20 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

аз 30 апрели соли 2019

**Рӯзнома:**

1.Дар бораи иҷозат додани диссертатсияи Манонова Муслима Нусратовна дар мавзӯи «Махсусияти таҳияи барномаҳои хабарии телевизион дар шароити муосир (дар мисоли барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Навид»-и Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина») » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ н.и.ф., дотсент Ҳайдаров С.Б.) ба ҳимоя;

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, Гулназарова Ж.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Манонова Муслима Нусратовна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

Бинобар ин барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Манонова Муслима Нусратовна дар мавзӯи «Махсусияти таҳияи барномаҳои хабарии телевизион дар шароити муосир (дар мисоли барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Навид»-и Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина») » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ н.и.ф., дотсент Ҳайдаров С.Б.) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;
2. Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда пешниҳод шавад;
3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филология, муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна ва номзади илми филология, сармуҳаррири идораи таҳлилии Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо» Соҳибова Барно Нозировна таъйин карда шаванд;
4. Таърихи рӯзи ҳимоя 10.10.2019 муайян карда шавад;
5. Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад;
6. Барои чопи автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 20 нафар, зид, бетараф –____ нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, профессор Саъдуллоев Ҷ. М.

Котиби илмии Шӯро,
номзади илмҳои филология, дотсент Гулназарова Ж.Б.